# ХУЛОСАИ
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 18.04.2024, № 60

Барои сазовор донистани Умаров Зухриддин Тоштемирович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Умаров Зухриддин Тоштемирович дар мавзуи «Пайдоиш ва ташаккули нашрияҳои даврии ӯзбекзабон дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти № 23) 25-уми январи соли 2024, суратмаҷлиси № 51 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Умаров Зухриддин Тоштемирович 30-юми декабри соли 1993 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2016 факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси журналистикаи байналхалқӣ хатм кардааст. Солҳои 2016-2018 дар зинаи магистратураи кафедраи журналистикаи байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил кардааст. Солҳои 2016-2018 ба ҳайси хабарнигор, солҳои 2018-2023 ба ҳайси тарҷумон дар нашрияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – рӯзномаи «Халқ овози» фаъолият намудааст.

Аз соли 2019 ҳамчун унвонҷӯйи кафедраи журналистикаи байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул гардида, ҳоло дар нашрияи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – рӯзномаи «Халқ овози» ба ҳайси муҳаррири шуъбаи маънавиёт фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом ёфтааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Муқимов Муҳамадӣ Аминович**.

**Муқарризони расмӣ:** Муллоев Шариф Боқиевич, доктори илмҳои филологӣ, профессор, сардори хадамоти матбуотии Муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи (Славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» ва Маъмурзода Носирҷони Маъмур, номзади илмҳои филологӣ, сармуҳаррири рӯзномаи вилоятии «Хатлон» ба диссертатсия тақризи мусбат

пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – мудири кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Галимова М., эксперт – доктори илмҳои филологӣ, профессор Муъминҷонов З., котиби илмии ҷаласа – муаллими калон Мусоев М. имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Низомӣ М.З. пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Умаров Зуҳриддин Тоштемирович дар мавзуи «Пайдоиш ва ташаккули нашрияҳои даврии ӯзбекзабон дар Тоҷикистон» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи рӯзноманигорӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

### I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Умаров, З.Т. «Дӯстлик» – рӯзномаи ӯзбекии вилояти Хатлон / З.Т. Умаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 2. – С.303-307.

[2-М]. Умаров, З.Т. Вазъи имрӯзаи матбуоти ӯзбекии вилояти Суғд / З.Т. Умаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 3. – С.314-317.

[3-М]. Умаров, З.Т. Истифодаи жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Замондош» / З.Т. Умаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 6. – С.321-325.

[4-М]. Муқимов, М.А., Умаров, З.Т. Пайдоиши матбуоти дузабона / М.А. Муқимов, З.Т. Умаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 7. – С. 248-256.

[5-М]. Умаров, З.Т. Ташаккули нахустрӯзномаи ӯзбекии Тоҷикистон / З.Т. Умаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 8. – С. 257-266.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашриёҳои дигари илмӣ:**

[6-М]. Умаров, З.Т. Нақши расонаҳои ӯзбекии Тоҷикистон дар фазои иттилоотии ҷумҳурӣ / З.Т. Умаров // Илм ва фановарӣ (Маҷаллаи илмӣ). Бахши филология. – Душанбе: «Сино», 2015. – № 4(8). – С. 139-143.

[7-М]. Умаров, З. Инъикоси масъалаҳои мубрами рӯз дар сомонаҳои ӯзбекии Тоҷикистон / З. Умаров // Журналистика ва замони муосир (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). Барориши 2. – Душанбе, 2016. – С. 102-106.

[8-М]. Умаров, З. Аввалин рӯзномаи хусусии ӯзбекӣ дар Тоҷикистон / З. Умаров // Журналистикаи байналхалқӣ – VIII. Маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе, 2017. – С. 131-138.

[9-М]. Умаров, З. Таъсиси рӯзномаи «Халқ овози» ва мавқеи он дар фазои иттилоотии Тоҷикистон / З. Умаров // Ҷавонон пайрави Эмомалӣ Раҳмон (Силсилаи мақолаҳои олимони ҷавони Тоҷикистон оид ба ҳидояту дастурҳои Пешвои миллат дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон). – Душанбе: «Эр-граф», 2017. – С. 328-336.

[10-М]. Умаров, З. Инъикоси мавзуи об дар рӯзномаи «Халқ овози» (дар мисоли маводи солҳои 2017-2019) / З. Умаров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Дипломатияи об ва омилҳои фарогири он дар бозтоби воситаҳои ахбори оммаи кишварҳои Осиёи Миёна» (ш. Душанбе, 25-26-уми ноябри соли 2019). – Душанбе, 2019. – С. 126-131.

[11-М]. Умаров, З. Инъикоси муносибатҳои дӯстиву бародарии Тоҷикистону Ӯзбекистон дар рӯзномаи «Халқ овози» / З. Умаров // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Густариши равобити адабию фарҳангии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон: ҳолат ва дурнамо» (30.11.-01.12.2021). – Душанбе, 2021. – С. 130-145.

[12-М]. Умаров, З. Т. «Ҳақ сӯз» – нашрияи ӯзбекзабони замони Истиқлол / З.Т. Умаров // Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Нақши ВАО дар таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Кӯлоб, 10 ноябри соли 2023). – Кӯлоб: СИ «ҚУРБОНОВ СОРБОН», 2023. – С. 116-120.

[13-М]. Умаров, З.Т. Таърихи ташаккули як рӯзномаи маҳаллӣ / З.Т. Умаров // Материалы международной научно-практической конференции

«Стратегии и тренды развития журналистики, филологии и лингводидактики» (10 ноября 2023 г.). – Душанбе: РТСУ, 2023. – С. 362-366.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи журналистикаи аудиовизуалӣ ва интернетии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон ба номи Мирзо Улуғбек **Ибрагимов Шавкат** мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмии диссертант ду эрод манзур шудааст:

1. Дар қисмати омӯзиши таърихи нашрияҳо аз олимони ватанӣ ва хориҷӣ иқтибосҳо оварда шудааст, вале дар таҳлили жанрӣ ва мавзуии нашрияҳо аз андешаҳои муҳаққиқони ӯзбек кам истифода шудааст.

2. Инъикоси мавзуи дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек дар нашрияҳои ӯзбекзабони Тоҷикистон ва тоҷикзабони Ӯзбекистон муқоиса карда мешуд, боз ҳам беҳтар мебуд.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, сармуҳаррири Муассисаи давлатии маҷаллаи «Илм ва ҳаёт» **Раҳимҷон Хушдил** низ мусбат буда, дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳи муаллифи диссертатсия эродҳои зерин оварда шудаанд:

1. Диссертант аз як факти ҷолиби диққат ёд мекунад, ки муҳаққиқони журналистикаи Ӯзбекистон дар бораи вуҷуд доштани нашрияҳои ӯзбекзабони кишвари мо ҳатто ёдовар нашудаанд, ҳол он ки дар бораи нашрияҳои ӯзбекзабон дар кишварҳои дигар маълумот додаанд. Агар доир ба сабабу омилҳои ин ҳолат изҳори назар мешуд, беҳтар буд.

2. Яке аз вазифаҳои таҳқиқ муайян кардани нақши маҷаллаҳои адабии ӯзбекзабон дар маърифию тарғиби адибони тоҷик дониста шудааст. Дар автореферати диссертатсия ҷараёни иҷрои ин вазифа ба таври бояд ба мушоҳида нарасид.

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, сармуҳаррири Нашрияи рӯзномаи «Омӯзгор» **Сафарзода Эҳсон**, дар маҷмуъ, мусбат буда, дар он ба баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ишора шудааст:

1. Дар автореферат бештари маълумоти оморӣ аз нашрияҳои «Замондош» ва «Халқ овози» оварда шудааст ва диссертант дар як ё ду сархат фаъолияти дигар нашрияҳои ӯзбекзабонро, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр мегарданд, ба риштаи таҳлил мекашид, ба манфиати кор мебуд.

2. Хуб мешуд, диссертант дар фасли дуюми боби сеюм, ки ба инъикоси мавзуъҳои мубрами рӯз дар қолаби жанрҳои публицистӣ бахшида шудааст,

дар баробари жанри мақола ба дигар жанрҳои публитсистӣ таваҷҷуҳ менамуд.

3. Дар баъзе саҳифаҳои автореферати диссертатсия ғалатҳои илмоию граматикӣ ба назар мерасад.

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе нуқсонҳои автореферати диссертатсия аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навоварии онро таъкид карда, муаллифро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– унвонҷӯ Умаров Зуҳриддин Тоштемирович бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии самти журналистӣ ба омӯзиши нашрияҳои даврии ӯзбекзабони Тоҷикистон пардохта, кори илмии муҳим ва арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
– таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси нашрияҳои ӯзбекзабони Тоҷикистон – «Қизил Тожикистон» (ҳоло «Халқ овози»), «Суғд ҳақиқати», «Дӯстлик», «Ҳақ сӯз», «Кадрият», «Маънавият», «Элчи», «Нафосат», «Осиё», «Шарқнома», «Устоз», «Замондош» ва ғайра анҷом ёфта, нашрияҳои мазкур дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард шудааст;**
– масъалаҳои марбут ба раванди пайдоиш, заминаву омилҳои таъсис ва марҳилаҳои ташаккули нашрияҳои дузабона ва ӯзбекзабон **баррасӣ** ва мазмуну муҳтавои онҳо **муайян гардидааст;**
– таъйинот, хусусият, шакл ва мундариҷаи нашрияҳои расмӣ ва ғайридавлатии ӯзбекзабон **таҳқиқу баррасӣ гардида**, нақш, мақом ва ҷойгоҳи онҳо дар фазои иттилоотии Тоҷикистон **собит шудааст;**
– дар ҷараёни таҳлилу таҳқиқ вижагиҳои маҷаллаҳои адабии ӯзбекзабони кишвар, тасниф гардида, нақши онҳо дар тарҷума, тарғиб ва муаррифии осори адибони тоҷик ва пойдории дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек **мушаххас карда шудааст**;
– инъикоси мавзуъҳои мубрам дар нашрияҳои ӯзбекзабон, аз қабили муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон, ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон доир ба масоили обу иқлим **баррасӣ гардида,** имконот ва ҷойгоҳи жанрҳои публитсистӣ (ахборӣ, таҳлилӣ ва бадеию публитсистӣ) дар онҳо **муайян шудааст.**

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** масъалаҳои назарӣ, равишҳои таҳқиқ ва хулосаҳои ҳосилшуда дар ин рисола ҷанбаҳои назарии омӯзиши матбуоти тоҷикро пурратар гардонида, дар таъини хусусият, шакл ва мазмуну муҳтавои нашрияҳои ӯзбекзабон метавонад нақши муҳим дошта бошад.

Таҳлилҳои анҷомёфта, афкори назарии муаллиф ва натиҷаҳои бадастомада дар таъини вижагиҳои мавзуиву жанрии нашрияҳои ӯзбекзабони Тоҷикистон мусоидат карда метавонанд. Натиҷаҳои бадастомада ва равишҳои пажуҳишии муҳаққиқро дар ҷараёни омӯзиши масъалаҳои ҳамгун ва нашрияҳои ғайритоҷикӣ низ метавон истифода бурд.

**Арзиши амалии** диссертатсия дар он зоҳир мeёбад, ки маводи дар диссертатсия фароҳамомада ва натиҷаҳои таҳқиқро метавон ҳангоми таҳияи маводи таълимӣ ва омода сохтани китобҳои дарсӣ аз таърих ва назарияи журналистика барои шуъба ва факултетҳои журналистикаи муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, навиштани корҳои таҳқиқотӣ оид ба матбуоти тоҷику ӯзбек, таҳияи корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм ва таълифи маводи таълимӣ мавриди истифода қарор дод.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаи илмии муҳаққиқони журналистикаи тоҷику ӯзбек, аз ҷумла М. Шукуров, И. Усмонов, А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, П. Гулмуродзода, М. Муродӣ, А. Азимов, М. Муқимов, Ш. Муллоев, Ҷ. Саъдуллоев, М. Абдуллоев, А. Қутбиддинов, Т. Эрназаров, Н. Абдуазизова, Ф. Муминов, А. Нурматов, Б. Дӯстқораев, Б. Алимов ва дигарон омӯхтаву истифода шудаанд.

Дар диссертатсия вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас аз методҳои таърихӣ-муқоисавӣ, таҳлилӣ-муқоисавӣ ва таҳлили анъанавӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки аз баҳсҳои дар диссертатсия суратгирифта, натиҷаҳои бадастомада ва равишҳои таҳқиқии бакоргирифтаи муаллиф дар раванди ҷустуҷӯҳо ва пажуҳишҳо оид ба нашрияҳои даврии ӯзбекзабон метавон истифода бурд. Маводи диссертатсия ва хулосаҳои онро зимни навиштани мақолаҳо ва таълифоту таҳқиқоти илмӣ оид ба матбуоти тоҷику ӯзбек, ҳангоми баррасии масъалаҳои алоқаманд ба нашрияҳои дузабона, махсусан, нашрияҳои даврии ӯзбекзабони Тоҷикистон мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии журналистикаи ватаниву хориҷӣ истифода шудааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** савияи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Тарҳ, баррасӣ ва коркарду таҳлили мавзуи диссертатсионӣ маҳсули ҷустуҷӯ ва фаъолияти илмии чандсолаи муаллиф буда, саҳми фардии ӯ дар гирдоварӣ ва таҳқиқи маводи фаровони илмӣ роҷеъ ба фаъолияти нашриёҳои даврии ӯзбекзабони Тоҷикистон ва дар ин замина муайян намудани хусусиятҳои хоси онҳо мушаххас мешавад.

Муаллиф бо истифода аз равиши илмӣ дар баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳо, таҳқиқи теъдод ва мундариҷаи нашриёҳои ӯзбекзабон, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Диссертатсияи Умаров Зухриддин Тоштемирович ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат менамояд.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 18-уми апрели соли 2024 дар бораи сазовор донистани Умаров Зухриддин Тоштемирович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 14 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2023, № 19/шд), аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ иштирок доштанд.

Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мақсудов Бадриддин

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Сироҷиддини Эмомалӣ

18.04.2024.